## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Кори таҳқиқотии Носирова Машҳура Негматовна ба яке аз мавзуъҳои актуалӣ ва ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи муваффақияти касбӣ ва некӯаҳволии шахсӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии дар рушди фарҳангии ҷаҳонӣ ҷалб карда шудааст, ки маҳз шахсияти омӯзгори оянда малакаҳои асосии маърифат ва усулҳои фаъолиятро ташаккул диҳад.

Дар диссертатсия мафҳум, ҳадаф, объект, мавзуъ, вазифаҳо, дараҷаи рушди илмиро муайян мекунед, ки марҳилаҳои таҳқиқотро тавсиф намуда, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ва заминаи методологиро нишон дода, муқарраротӣ ҳифзшавандаро муайян менамояд. Дарки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфтаи маориф яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман ба сатҳи маориф, ташкили ҷараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, хулоса, ба сатҳи саводнокии миллат вобаста аст, нишон медиҳанд.

Дар таҳқиқоти ҳозир, таърихи пайдоиш ва тараққии ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои Осиёи Марказӣ, аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ба мақсади ҳал кардани масъалаи мазкур диссертант руҷӯи муайяни таърихиро пеш гирифта, адабиёти сершумори илмӣ ва илмии

оммабоб, маводи таърихӣ ва бостоншиносии маҳалҳои мухталифи таърихии Тоҷикистонро, ки дорои арзиши илмӣ буданд, таҳлилу тасниф намуда, бо сокинони маҳалҳои мазкур оид ба масоили мавриди таваҷҷӯҳ сӯҳбатҳои бисёр гузаронидааст.

Рушди касбии аҷдоди мо бо мурури вақт, тадриҷан на танҳо ба тайёр кардани олотҳои муайян, балки фаҳмидани сохтору хосиятҳои масолеҳи истифодашаванда низ сабаб гардид. Аз намуди зоҳирии онҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки аллакай дар ин давра одамон дар бораи хелҳо ва хосиятҳои сангҳо (мулоим, сахт, зудшикан) маълумот доштанд ва дониши худро ҳангоми тайёр кардани аслиҳаҳои таъиноташон гуногун истифода мебурданд, баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳои таҷрибаҳои педагогӣ оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таълим дар ду самт (назариявӣ ва амалӣ) татбиқ ва баррасӣ карда шудааст. Ҳангоми муайян кардани натиҷаҳои таҳқиқот матлабҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо; амиқии асосҳои назариявӣ-методологӣ; мувофиқати методҳои таҳқиқот; такя ба мувофиқати тавсифии натиҷаҳои ба даст омада; таҳлили кори муаллиф ба сифати омӯзгор; имконияти такрори натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар шароити ҳаммонанд таъмин менамоянд.

Инчунин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба муайянсозӣ, ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Хулосаҳои назариявӣ, таклифҳо ва пешниҳодҳои Носирова М.Н. дар мундариҷаи умумии рисолаи номзадӣ ва дар мундариҷаи умумии автореферати рисолаи номзадӣ инъикос ёфтааст.

Носирова М.Н. дар давоми фаъолияти илмӣ зиёда аз 12 мақола, аз он ҷумла 6- мақолаи илмии вобаста ба мавзуъ, ки аз тарафи КОА эътироф гардидааст, 2- мақолаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия

дар рӯзнома ва маҷаллаҳои байналмилалии илмӣ ва амалии Федератсияи Русия, 1-китоби дарсӣ таҳти унвони "Касбинтихобкунӣ", ки бо Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, аз чоп баровард.

Рисолаи номзадии Носирова М.Н. таҳти мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба анҷомрасида ҳисобида шуда, ба масъалаҳои мубрами педагогӣ нигаронида шудааст.

Аз ин лиҳоз, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ
Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Имзои Азизов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири РК ва КМ-и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврӯзов Э.М.